Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст

Диссертатсияи номзадии Садриддин Суфиев дар мавзӯи **«Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX ибтидои асри XXI)»** ба яке аз мавзӯъҳои мубрами сиёсати хориҷаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ бахшида шудааст, зеро робитаҳои мутақобилаи мардуми тоҷику ҳинд таърихи тӯлонӣ доранд. Ҳиндустон барои Тоҷикистон ва мардуми тоҷик кишвар дӯст ба шумор меравад. Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон аз нигоҳи илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он хотир ҷойгоҳи махсус доранд, ки дастовардҳои ниёгони мо дар соҳаҳои зикргардида дар ҳудуди ин давлатҳо – дар китобхонаҳои миллӣ-давлатӣ, донишгоҳҳои бузурги онҳо, ҳатто дар хонаҳои аҳли илму адаби онҳо то кунун маҳфузанд. Зеро дар тайи асрҳо бар асари омилҳои гуногун аҳли илм, адаб ва фарҳанги тоҷик аз Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Хатлону Бадахшон ва дигар марказҳои тоҷикнишин ба мулки Ҳиндустону Покистони имрӯза ҳиҷрат намуда, бо худ китоб ва донишу фарҳанг бурданд. Чунонки дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақшу таъсири Ҷумҳурии

Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он, ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод. Ҳамзамон, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо дарназардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳаммияти хосса дорад». Чунин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои маънавии халқҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар муносибатҳои дуҷониба ҷойгоҳи муайян дорад. Баҳри таҳкими робитаҳо дар ин самт Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи таъсис ва шартҳои фаъолияти марказҳои фарҳангию иттилоотӣ ба имзо расонида шудааст. Таъсиси чунин марказҳо барои рушди ояндаи ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф, фарҳанг, технологияи инноватсионӣ аҳаммияти муҳим хоҳад дошт.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон робитаҳои наздики таърихӣ, фарҳангӣ ва дӯстии анъанавии халқҳои худро ба назар гирифта, тарафдории худро барои таъмини сулҳ, демократия, гуногунии фарҳангҳо, гуногунии ҳайати этникӣ мустаҳкам мекунанд. Бо дарки он ки ин иқдом барои рушди робитаҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон хизмат мекунад, имкониятҳои навро барои мустаҳкам кардани ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкори байни кишварҳо, барои васеъ кардани ҳамкориҳои тарафайн асоси судмандро ба вуҷуд меорад.

Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон риштаҳои зиёди таърихию фарҳангӣ пайвастаанд ва дар замони соҳибистиқлолӣ сатҳи муносибату ҳамкориҳо ин наздикию алоқамандиҳоро бори дигар собит сохт. Тоҷикистон барои баланд бардоштани асолати таърихию фарҳангӣ ва омӯзиши мероси классикони адабиёт ва фарҳанг ба умқи ҳамкориҳо дар соҳаи илм ва

таҳқиқоти муштараки осор ва дастхатҳои намояндагони адабиёт ва фарҳанги қораи Ҳинд манфиатдор буда, ин самти ҳамкорӣ барои густариши ҳамкориҳои фарҳангии ҷонибҳо дар қаринаи ҷаҳонишавӣ аҳаммияти хосса дорад. Бояд таъкид кард, ки ҳамкории Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба ба роҳ монда шуданд. Дар баробари муносибати мустақим ҳамкории тарафҳо дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории Исломӣ ҷараён доштанд.

Садриддин Суфиев, ба чунин мавзӯи муҳим бо ҷиддият муносибат намуда, паҳлӯҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамин тариқ, таҳлили марҳалаҳои таърихӣ, ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон) дар даврони истиқлоли давлатӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуданд.

Муаллиф ҷиҳати ҳаматарафа шиносоӣ пайдо намудан бо паҳлӯҳои мухталифи масъалаи таҳқиқот адабиёти зиёди илмии таърихӣ ва сиёсиро омӯхта, таҳлил намуда, хулосаҳои зарурӣ баровардааст. Дар интиҳо унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки тавсияҳои зарурӣ ва самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ паҳлӯҳои омӯхташудаи кори таҳқиқотии мазкур масъалаи мубрам буда, барои рушди ин самт мусоидат мекунад.

Навгониҳои таҳқиқот бо нуқтаҳои илмии асоснокшуда ба ҳимоя бароварда шудаанд. Вобаста ба ин С. Суфиев дар баррасӣ ва таҳлили илмии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (дар мисоли Ҳиндустон ва Покистон) дар соҳаи фарҳанг инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, навгонии мазкур дар аввалин таҳқиқоти комплексии ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон дар замони муосир ифода гаштааст. Зеро маҳз истиқлолият заминаи роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилаи кишварро бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи

принсипи баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҷомеа фароҳам овардааст.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад.

Рисола дар сатҳи муваффақи илмӣ таҳия гардида, мундарича ва хулосаҳои он аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда бармеоянд ва ба унвони рисолаи пешниҳод гашта мувофиқат доранд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он, мавзӯъ, объект, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон**» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб муаллиф омилҳои таърихӣ ва заминаҳои рушди ҳамкориҳои халқи тоҷикро бо халқҳои Ҳиндустон ва Покистон баррасӣ намудааст. Инчунин, марҳалаҳои таърихии истиқрор ва инкишофи ҳамкориҳои халқи тоҷик бо халқҳои Ҳиндустону Покистон ва мусоидати он ҳамчун заминаи мустаҳакам гаштани ин ҳамкориҳо дар солҳои 1991–1999 таъкид гашааст.

Зербоби якуми ин боб – ***«Аз таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон»*** ном дошта, муаллиф ҷанбаҳои асосии раванди истиқрори робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистонро бо Ҳудустону Покистон таҳлил намудааст. Ба ақидаи муаллиф, Ҳиндустону Покистон барои Тоҷикистон ва мардуми тоҷик кишварҳои дӯст ба шумор рафта, миёни давлатҳо алоқаҳои таърихан ташаккулёфтаи фарҳангӣ мавҷуд аст.

Дар зербоби дуюми боби якум – ***«Ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар охири асри XX (солҳои 1991–1999)»***, муаллиф масъалаи ташаккул ва рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар охири асри XX

мавриди таҳқиқ қарор дода, самтҳои асосии ҳамкориҳои фарҳангии давлатҳоро дар солҳои аввали истиқлол нишон додааст.

Зербоби сеюм – ***«Истиқрори ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар охири асри ХХ»*** ном дошта, дар он муаллиф махсусияти истиқрори ҳамкориҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар охири асри ХХ таҳлил намудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «**Таҳаввули ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар соҳаи фарҳанг (солҳои 2000–2018)**» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикстон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар соҳаи фарҳанг дар ибтидои асри ХХI мавриди омӯзиш қарор дода, нақши омили фарҳангиро дар маҷмӯи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ арзёбӣ намудааст.

Зербоби аввали ин боб – ***«Рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон»*** буда, муаллиф самтҳои калидии ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва заминаҳои шартномавӣ–ҳуқуқии робитаҳои фарҳангии ҷонибҳоро муайян намудааст.

Зербоби дуюми боби мазкур – ***«Таҳаввули ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон»*** ном дошта, муаллиф марҳалаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои фарҳангиро миёни Тоҷикистон ва Покистон баён намудааст.

Боби сеюми диссертатсия – **«Рушди ҳамкориҳои илмӣ–адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон дар оғози асри ХХI ва дурнамои он»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб, муаллиф хусусияти муносибатҳои илмӣ–фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Ҳиндустону Покистонро дар оғози асри ХХI дар

доираи Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони ҳамкории Исломӣ баррасӣ намудааст.

Зербоби якуми ин боб – ***«Рушди ҳамкориҳои илмӣ–адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар оғози асри XXI»*** буда, муаллиф ҳамкориҳои илмӣ–адабии Тоҷикистонро бо Ҳиндустон баррасӣ намуда, дастовардҳои илмӣ–адабӣ ҳар ду давлатро таҳлил намудааст. Инчунин, муаллиф дурнамои густариши ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон баҳогузорӣ намуда, зарурати таъсиси комиссияи байниҳукуматиро барои таҳвияти робитаҳои илмӣ–адабӣ баён намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм – ***«Рушди ҳамкориҳои илмӣ–адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дурнамои он»*** ном дошта, дар ин зербоб муаллиф масъалаи ташаккул ва рушди ҳамкориҳои илмӣ–адабии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Исломии Покистон муайян намуда, мушкилот ва дурнамои робитаҳои илмӣ-адабии давлатҳоро нишон додааст.

Дар хулосаи таҳқиқот ҷамъбасти нуқтаҳои асосии таҳлилшуда инъикос гардида, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон таҳқиқ намуда, муаллиф хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои муфид намудааст.

Аҳаммияти назариявии диссертатсия бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаи илм ва фарҳанг, инчунин дар раванди таълими курсҳои «Омили фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ» ва инчунин курсҳои махсус оид ба марҳалаҳои ташаккули ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ вобаста аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳо бахшида ба ҳаёти фарҳангии халқҳои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, маводҳои таълимию методӣ, курси лексияҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии рисола аз он иборат аст, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва сохторҳои марбутаи кишварҳои мавриди омӯзиш ҷиҳати беҳтар намудани ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба анҷом расонида шудааст. Мӯҳтавои рисола дар 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудааанд.

Бо дарназардошти андешаҳои зикргардида сайру руҷӯи таърихии муаллиф ба муносибатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон мантиқан дуруст аст.

Ба таври умум, таҳқиқоти илмии Садриддин Суфиев дар мавзӯи **«Ҳамкориҳои илмӣ–адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX ибтидои асри XXI)»** як кори анҷомёфта буда, рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ тавсия мегардад.

Олимов Музаффар Абдуваккосович,
доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии кишварҳои хориҷии Факултети муносибатҳои байналхалқӣ ва роҳбари Маркази омӯзиши минтақавӣ ва муқоисавии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

_____ / Олимов М. А. /
имзо

Ҷ.М.

734025, Тоҷикистон, Душанбе, к. Буни-Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои 11.
Тел.: +992-93-472-72-82-47 / 907-72-82-25
E-mail: muzaffarolimov@mail.ru

«____» _____ соли 2022 ш. Душанбе

имзои подпись Олимов М. А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)
01.12.22 с.